**В диссертационный совет 6Д.КОА-044 при Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан**
**734003, г. Душанбе, ул. Саида Носира, 33**

# ОТЗЫВ

**на автореферат диссертации Давлатзоды Фариджона Мирзоали «Административно-правовой статус органов прокуратуры Республики Таджикистан: теория, законодательство и практика», представленной на соискание ученой степени кандидата юридических наук по специальности 12.00.14 - Административное право; административно-процессуальное право**

Избранная Ф.М. Давлатзодой тема диссертационного исследования, безусловно, является своевременной и актуальной, что обусловлено потребностями совершенствования административно-правового статуса органов прокуратуры Республики Таджикистан, его теоретических основ, законодательного закрепления и практики реализации. Ф.М. Давлатзода, раскрывая актуальность темы диссертационного исследования, справедливо отмечает, что «прокуратура занимает особо важное положение в системе государственного управления в связи со своими особыми функциональными обязанностями, установленными Конституцией РТ и Конституционным законом РТ «Об органах прокуратуры РТ» (с. 4). Важно отметить, говорит соискатель, то анализ административно-правового положения органов прокуратуры РТ до сих пор не проводился в науке отечественного административного права, и данное исследование является важной основой по выявлению проблем и разработке научных идей, связанных с данным вопросом (с. 4). Это предопределяет актуальность и важность темы диссертационного исследования.

В автореферате диссертации Ф.М. Давлатзоды четко определены цель и задачи исследования (стр. 6-7), которые, как показывает анализ содержания автореферата, успешно решены в ходе проведённого исследования. Не вызывают вопросов четко сформулированные объект и предмет исследования (стр. 7), этап, место и период исследования (с. 7-8). Автор использовал достаточную для раскрытия темы эмпирическую базу исследования (стр. 8), что в совокупности с применённой методологией (стр. 8) и широкой апробацией результатов (стр. 14) позволяет говорить о достоверности сделанных соискателем выводов, предложений и рекомендаций по теме исследования.

Большой интерес вызывает новизна работы, которая раскрывается, прежде всего, в 14 положениях, выносимых на защиту (стр. 8-12). Данные положения обладают не только новизной, но и теоретической и практической значимостью.

Так, теоретически значимым является вывод о том, что «понятие административно-правового положения органов прокуратуры следует обосновывать с учетом двух важных научных пунктов: следует учитывать, что популярное современное понятие административного права как «мегаотрасли» включает в себя не только материально-правовые нормы, но и процессуально-правовые нормы; административно-правовое положение органов прокуратуры определяется спецификой реализации их полномочий во взаимодействии с органами исполнительной власти (с. 8-9).

На стр. 9-10 автореферата диссертант отмечает, что «поскольку органы прокуратуры не обладают исполнительно-распорядительными полномочиями, они не могут обеспечить подконтрольным субъектам порядок устранения нарушений закона. Однако этот недостаток компенсируется участием прокурора в процессе содействия правотворческой деятельности органов исполнительной власти. По мнению диссертанта, факт участия прокурора в нормотворческой деятельности органов исполнительной власти (центральных и местных) является организационно-правовой формой участия прокурора в государственном управлении». Это положение несет в себе элемент дискуссионности, однако отражает реальный вклад автора в анализ административно-правового положения прокуратуры с учетом действующего законодательства Республики Таджикистан.

Практически значимыми являются разработанные соискателем рекомендации и предложения, направленные на совершенствование положений законодательных и подзаконных правовых актов в исследуемой области (с. 10-12). Так, следует отметить предложение диссертанта выделить в разрабатываемом Административно-процессуальном кодексе Республики Таджикистан специальную главу об участии прокурора в административно-процессуальном производстве, что позволит конкретно и всесторонне урегулировать участие прокурора в административном производстве и в административно-процессуальном судопроизводстве (с. 12).

Содержание автореферата показывает, что диссертационное исследование хорошо структурировано, материал изложен в логической последовательности, читается легко и свободно, доступен для понимания. Юридическая лексика употребляется корректно. Диссертационное исследование соответствует специальности 12.00.14 - Административное право; административно-процессуальное право.

Основные положения диссертационного исследования нашли отражение в 8 публикациях соискателя, из которых 4 опубликованы в рецензируемых журналах, рекомендованных Высшей аттестационной комиссией при Президенте Республики Таджикистан, определенных перечнем ВАК при Минобрнауки России (стр. 32-33).

Вместе с тем, из содержания автореферата диссертационного исследования нельзя сделать вывод о структуре административно-правового статуса прокурора Республики Таджикистан. Этот вопрос требует пояснения в ходе публичной защиты.

Вывод: содержание представленного автореферата свидетельствует, что диссертационное исследование Давлатзоды Фариджона Мирзоали «Административно-правовой статус органов прокуратуры Республики Таджикистан: теория, законодательство и практика» представляет собой научно-квалификационную работу, соответствующую всем требованиям и критериям, предъявляемым Высшей Аттестационной Комиссией при Президенте Республики Таджикистан к диссертациям на соискание учёной степени кандидата юридических наук, является самостоятельно выполненным и завершённым научным исследованием, обладающим внутренним единством и содержащим новые научные результаты и положения, выдвигаемые на защиту, что свидетельствует о личном вкладе автора в развитие науки административного права и административного процесса. С учетом этого полагаю, что Давлатзода Фариджон Мирзоали заслуживает присуждения искомой учёной степени кандидата юридических наук по специальности 12.00.14 - Административное право; административно-процессуальное право.

Ведущий научный сотрудник сектора
административного права и административного процесса
Федерального государственного бюджетного учреждения науки
Институт государства и права Российской академии наук
доктор юридических наук (специальность
12.00.14 – «Административное право; финансовое право;
информационное право»), профессор

Редкоус Владимир Михайлович

14 ноября 2023 г.

**Наименование организации:**
Федеральное государственное бюджетное учреждение науки
Институт государства и права Российской академии наук (ИГП РАН)
Адрес: 119019, Москва, ул. Знаменка, д.10.
Служебный телефон: +7 (495) 691-33-81
Адрес электронной почты: igpran@igpran.ru
Адрес официального сайта в сети «Интернет»: http://igpran.ru/

Федеральное государственное бюджетное учреждение науки
ИНСТИТУТ ГОСУДАРСТВА И ПРАВА РОССИЙСКОЙ АКАДЕМИИ НАУК

Подпись Редкоус В.М.
удостоверяю
Ученый секретарь Федерального государственного бюджетного учреждения науки Института государства и права Российской академии наук
Бутрин И.И.

**Ба Шурои диссертатсионии 6Д.КОА-044**
**назди Академияи идоракунии давлатии назди**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734033,**
**ш.Душанбе, к.Саид Носир 33**

# ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи Давлатзода Фаридҷон Мирзоалӣ дар мавзӯи: «Вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратураи ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, қонунгузорӣ ва амалия», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст**

Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии интихобнамудаи Давлатзода Ф.М. бешубҳа саривақтӣ ва муҳим аст ва он бо зарурияти такмил додани вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, асосҳои назариявӣ, мустаҳкамнамоӣ дар қонунгузорӣ ва дар татбиқи амалии он вобаста мебошад. Давлатзода Ф.М. бо нишон додани аҳамияти мавзӯи таҳқиқотӣ дуруст қайд мекунад, ки «прокуратура вобаста ба ӯҳдадориҳои махсуси функсионалии худ, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи Тоҷикистон» муқаррар кардааст, дар низоми идоракунии давлатӣ мавқеи махсусан муҳимро ишғол менамояд.» (саҳ. 4). Қайд кардан муҳим аст, мегӯяд довталаб, таҳлили вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар илми ҳуқуқи маъмурии ватанӣ то ҳол анҷом наёфтааст ва ин таҳқиқот заминаи муҳим дар муайян намудани мушкилиҳо ва коркарди ғояҳои илмӣ вобаста ба масъалаи зикршуда арзёбӣ мегардад. (саҳ. 4). Ҳолати мазкур мубрамият ва муҳимияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсиониро муқаррар мекунад.

Дар автореферати диссертатсионӣ мақсад ва вазифаҳои тадқиқот дақиқ муайян карда шудааст (саҳ. 6-7) ва таҳлили мазмуни автореферат нишон медиҳад, ки онҳо дар рафти таҳқиқот бомуваффакият ҳалу фасл карда шудаанд. Объект ва предмети таҳқиқот (саҳ. 7), марҳила, макон ва давраи тадқиқот (саҳ. 7-8) аниқ ифода ёфтаанд ва ягон саволе ба миён намегузоранд. Муаллиф барои кушодани моҳияти мавзӯъ (саҳ. 8) ба таври кофӣ заминаи эмпирикиро истифода кардааст, ки дар маҷмӯъ дар баробари методологияи истифодашуда (саҳ. 8) ва амалисозии васеъи натиҷаҳо (саҳ. 14) имкон медиҳад, ки дар бораи эътимоднокии хулоса, пешниҳод ва тавсияҳои пешниҳоднамудаи унвонҷӯ оид ба мавзӯи тадқиқот сухан ронем.

Навгониҳои таҳқиқот, ки пеш аз ҳама дар 14 нуктаи ба ҳимоя пешниходшуда ошкор мегардад (саҳ. 8-12), хело зиёд диққатро ҷалб мекунанд. Ин муқаррарот на танҳо аҳамияти навгонӣ, балки моҳияти назариявӣ ва амалӣ низ дорад.

Ҳамин тариқ, аз ҷиҳати назариявӣ хулосае муҳим аст, ки «мафҳуми

вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратураро бояд бо назардошти ду нуктаи муҳими илмӣ асоснок карда шавад: бояд ба назар гирифт, ки мафҳуми маъмули ҳуқуқии маъмурӣ ҳамчун «мегасоҳа» на танҳо меъёрҳои моддӣ-ҳуқуқӣ, балки мурофиавӣ-ҳуқуқиро низ дар бар мегирад; вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратура бо хусусияти татбиқнамоии ваколатҳои он дар ҳамбастагии мутақобила бо мақомоти ҳокимияти иҷроия муайян карда мешавад (саҳ. 8-9).

Дар саҳифаҳои 9-10-ум муаллиф қайд мекунад, ки «азбаски мақомоти прокуратура ваколатҳои иҷроиявӣ-амрдиҳиро надорад, ба субъектони зеринազорати худ тартиби бартараф намудани қонунвайронкуниро пешниҳод карда наметавонад. Аммо, ин норасоӣ аз ҳисоби иштироки прокурор дар раванди фаъолияти қонунэҷодкунии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ҷуброн карда мешавад. Ба андешаи муаллифи диссертатсия воқеияти иштироки прокурор дар фаъолияти меъёрэҷодкунии мақомоти ҳокимияти иҷроия (марказӣ ва маҳаллӣ) шакли ташкилӣ-ҳуқуқии иштироки прокурор дар идоракунии давлатӣ мебошад». Муқаррароти мазкур дар худ унсури баҳсбарангез дорад, вале он саҳми воқеии муаллифро дар таҳлили вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратура бо дарназардошти қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос менамояд.

Тавсия ва пешниҳодҳои таҳиянамудаи унвонҷӯ, ки ба такмили муқаррароти санадҳои қонунгузорӣ ва зерқонунӣ дар соҳаи таҳқиқшаванда нигаронида шудаанд, амалан аҳамияти калон доранд (саҳ. 10-12). Ҳамин тариқ, пешниҳоди муаллифи рисола оиди дар Кодекси таҳияшудаистодаи расмиётӣ ва мурофиавии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷудо намудани боби махсус оид ба иштироки прокурор дар расмиёт ва мурофиаи маъмурӣ имкон медиҳад, ки иштироки прокурор дар мурофиаи судии маъмурӣ ба таври мушаххас ва ҳамаҷониба танзим карда шавад. (саҳ. 12).

Мундариҷаи автореферат нишон медиҳад, ки сохтори таҳқиқоти диссертатсионӣ хуб анҷом дода шуда, мавод бо пайдарҳамии мантиқӣ пешниҳод гардида, равон ва фаҳмо хонда шуда, қобили фаҳм мебошад. Луғати ҳуқуқӣ дуруст истифода карда шудааст. Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба ихтисоси 12.00.14 - Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ мутобиқ менамояд.

Муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 8 мақолаи интишорнамудаи довталаб инъикос ёфтаанд, ки аз он 4-тоаш дар маҷаллаҳои тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо рӯйхати КОА назди Вазорати маориф ва илми Россия муайяншуда нашр гардидаанд. (сах. 32-33).

Дар баробари ин, аз мазмуни автореферати таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба сохтори вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон хулосабарорӣ намудан ғайриимкон аст. Ин масъала зимни ҳимоя шарҳи худро талаб менамояд.

Хулоса: мӯҳтавои автореферати пешниҳодшуда нишон медиҳад, ки таҳқиқоти диссертатсионии номзадии Давлатзода Фаридҷон Мирзоалӣ «Вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария,

қонунгузорӣ ва амалия» рисолаи илмию тахассусӣ буда, ба тамоми меъёр ва талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ҷавобгӯ мебошад, таҳқиқоти мустақилона ва баохиррасонидашудаи илмӣ, ягонагии дохилӣ дошта, натиҷаҳо ва муқаррароти нави илмии ба ҳимоя пешниҳодшударо дар бар мегирад, ки саҳми шахсии муаллифро дар рушди илми ҳуқуқи маъмурӣ ва мурофиаи маъмурӣ нишон медиҳад.

Бо назардошти ин, бовар дорам, ки Давлатзода Фаридҷон Мирзоалӣ сазовори гирифтани унвони илмии номзади илмҳои ҳуқуқӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.14 - Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ мебошад.

Корманди пешбари бахши ҳуқуқи маъмурӣ ва мурофиаи маъмурии Муассисаи федеролии давлатии буҷавии илмии Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи илмҳои Россия, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ (ихтисоси 12.00.14 - «Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи молиявӣ; ҳуқуқи иттилоот□»), профессор

14 ноябри с.2023 имзо Редкоус Владимир Михайлович

**Номи ташкилот:**
Муассисаи федеролии давлатии буҷети илм□,
Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи илмҳои Россия (ИҲД АИР)
Суро□а: 119019, Москва, куч. Знаменка, х. 10.
Телефони хизмат□: +7 (495) 691-33-81
Суроғаи почтаи электронӣ: igpran@igpran.ru
Суроғаи сомонаи расмӣ дар шабакаи Интернет: http://igpran.ru/

Мӯҳр имзо Н.Н.НП.

Intourist®
НАЦИОНАЛЬНАЯ ТУРИСТИЧЕСКАЯ КОМПАНИЯ
ОБЩЕСТВО С ОГРАНИЧЕННОЙ ОТВЕТСТВЕННОСТЬЮ "ИНТУРИСТ"
ҶАМЪИЯТИ ДОРОИ МАСЪУЛИЯТИ МАҲДУДИ "ИНТУРИСТ"
LIMITED LIABILITY COMPANY "INTOURIST"
Address: 45, M.Tursunzade str. Dushanbe city, Tajikistan
Tel:+992(37) 221-74-84

ТАРҶУМА ДУРУСТ АСТ
TRANSLATION IS CORRECT
ПЕРЕВОД ВЕРЕН
Date
Signature
Translator

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ
0173155

Город Душанбе,
Республика Таджикистан

15.12.2023 года. Я, ПУЛОДИ Х Ш. государственный нотариус Главной государственной нотариальной конторы Министерства юстиции Республики Таджикистан, свидетельствую подлинность подписи, сделанной переводчиком Джураевой Умедой Зайнуддиновной в моем присутствии. Личность её установлена.

Зарегистрировано в реестре за №11-Д 44016

Взыскано государственной пошлины: 20

Государственный нотариус: